“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
____________Асрорзода У.С.
«____» __________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад: 2.4. Ояндабинӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ, 2.8. Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти низоми буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, 2.15. Равишҳои консептуалӣ нисбат ба ташаккули муносибатҳои байнибуҷетӣ, 2.17. Механизмҳои тақсимкунии маблағҳои буҷетӣ, 2.19. Сохтори таснифоти вазифавӣ–иқтисодии буҷетӣ, 2.20. Дигаргунсозии системаи буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва моделҳои мутобиқсозӣ.

## Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар замони муосир равандҳои молия ва молиякунонии воситаҳои буҷетӣ ба печидагиҳои мухталиф сарукор мегиранд, ки ба ҷодаҳои татбиқи унсурҳои методологии он таъсиргузор мебошанд. Аз ин лиҳоз мавриди таҳқиқот ва омӯзиш қарор додани ҷанбаҳои муосири буҷетикунонӣ аҳамияти илмии хоса дошта, дар ин замина коркард, таҳқиқ ва таҳлили усулҳои мутобиқ ба шароити кунунибуда мубрам мебошанд. Дар замони муосир яке аз усулҳои илман асоснокгардидаи дар таҷриба мавқеъи худро устувор намуда – равиши буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд мебошад, ки таҳқиқоти мазкур ба он бахшида шудааст.

Дараҷаи нокифоягии татбиқи усулҳои буҷетикунонӣ ва молиякунонӣ, муаммо ва мушкилоти норасоӣ дар коркардҳои методологии он, таҳия ва иҷроаи пешниҳодҳои мушаххаси татбиқшавии усулҳои асоснокшуда дар сатҳи буҷетҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ, дар сатҳи бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, ки

дар ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ саҳми назаррас доранд, талаби муайян сохтани равиш ва ё методологияи ба рушди буҷетикунонӣ муосидро талаб мекунад. Дар ин замина усули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд ҳамчун афзоре баромад мекунад, ки хароҷоти буҷетиро идора намуда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат карда, бо дарназардошти татбиқи воситаҳои уникалӣ ва технологияҳои муосир дар рушди низоми буҷетикунонӣ саҳмгузор мегардад.

Дар робита ба афкори қайдгардида, бояд тазаккур дод, ки сатҳи нокифояи таҳияи таъминоти ташкилӣ, методӣ ва амалии низоми буҷетикунонӣ мубрамии мавзуъро муайян карда, аҳамияти назарраси илмӣ доштани онро аниқ месозад. Бояд қайд намоем, ки дар шароитҳои муосир дар бештари кишварҳо дар бахши идораи молиявӣ воистаҳое татбиқ мешаванд, ки самаранокии равиши худро дар бахши буҷетикунонӣ тасдиқ намудаанд ва барои ҳамин ҳам, ворид намудани элементҳои идораи барномавиву ҳадафманд аз лиҳози ба натиҷа нигаронидашавандагиаш мақоми хосаро касб намуда аст. Чунки равшиши мазкур бо дарназардошти баланд бардоштани натиҷаҳои банақшагирифташуда ба таъмини шаффоият ва самаранокии натиҷаҳои хароҷоти буҷетӣ, назорати фаъолияти уҳдадорон ва менеҷерони бахши буҷетикунонӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда мубрам ва сривақтӣ буда, пешбурди таҳқиқот дар ин самт актуалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он ҳалли муаммоҳои ҷойдошта дар самти таъминоти ташкилию методии низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Саҳми шахсии унвонҷӯ, дар ҷамъбасти маълумот, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба таҳқиқ, такомул, татбиқ ва амалигардонии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаи саноат, муайян мегардад.

Дар ин замина муаллиф, дар доираи назарияиҳои илмӣ, коркарди қиёсии маълумотҳои омориро ба роҳ монда, равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори низоми буҷетикунонӣ ва роҳҳои тараққиёти техникии буҷетикунонии барномавию ҳадафмандро муайян намудааст. Ҳамчунин дар доираҳои таҳлили бахши саноати кишвар, таҳқиқи вазъи муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушди он, заминаҳои асосии ташкили низоми буҷетикунонӣ, таҳияи модели риёзиву мантиқии корхонаҳои саноатӣ ва татбиқи усулҳои арзёбии фаъолият ва самаранокии онҳоро муайян сохта, вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба системаи

буҷетикунонӣ таъсиррасон тавсияҳои мушаххаси иро шудаанд, ки ба дурст ба роҳ мондани проблеммагузорӣ аз ҷониби муаллиф ишора мекунанд.

Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда дар ниҳодҳои молиявӣ ва муассисаҳои илмии кишвар, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти онро ифода менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** аз навгониҳои илмии дар кори таҳқиқотӣ дарҷгардида бармеоянд. Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноккунии равишҳои назариявию методии амалисозии низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, махсусан буҷети барномавиву ҳадафманд дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад:

1. Муқарраротии назариявии ташаккули низоми буҷетиконони барномавию ҳадафманд бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои нисбии (шаффофият, фавриат, мақсаднокӣ, самаранокӣ, ба натиҷа нигаронидашуда ва ғ.) он асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад истифодаи самаранок ва саривақтии маблағҳои буҷетӣ дар доираи татбиқи барномаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ таъмин карда шавад;

2. Асоснок намудани принсипҳо, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба таснифоти гуруҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумӣ, ки имкон медиҳад механизмҳои самараноки ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба бахши саноатро дар алоқамандӣ бо дастгирии давлатӣ дар асоси ташаккули муҳити озоди рақобатӣ ва густариши фановариҳои рақамии муосир фароҳам оварад;

3. Тамоюлҳои рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба ҷудо кардани зиддиятҳо байни равандҳои муосири густариши тағйироти технологӣ, сохторӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар низоми мавҷудаи буҷетикунонӣ ва дастгирии давлатии ғайрисамараноки рушди бахши саноат баҳогузорӣ шудааст, ки зарурати истифодаи консепсияи буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро бо таваҷҷуҳ ба дастрасӣ ба параметрҳои ноил гардидан ба саноатикунонии босуръати иқтисодӣ миллӣ ба миён меоварад;

4. Асоснок намудани заминаҳои институтсионалӣ ва дурнамои татбиқи консеписяи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба ташкили курсҳои омӯзишии буҷетикунонии бахши

саноат ва бо назардошти ҷалби васеи кормандони сохторҳои молиявии кишвар ба раванди омузиши методикаи тартиб додани лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, чун зинаи ибтидоии гузариши фарогир ба низоми мазкур;

5. Асоснок намудани самтҳои афзалиятноки татбиқи равиши буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба татбиқи чорабиниҳои баҳамалоқаманди зерин:

✓ татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир дар раванди банақшагирӣ ва лоиҳасозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди корхонаҳои саноатӣ, ки ба таъмини сарфи маблағҳои буҷетӣ дар асоси равиши ба натиҷа нигаронидашуда мусоидат менамоянд;

✓ ташаккули фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба мутобиқ намудани сарфи маблағҳои ҷудошуда дар асоси принсипҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;

✓ тақвияти робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои танзими давлатии бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии банақшагирӣ, ташкил ва назорати буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;

6. Асоснок намудани роҳҳои такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои вурудӣ (стратегияҳо ва ҳадафҳо, сохтори ташкилӣ, воситаҳои таъсирасон) ва хуруҷии он (ташаккули сиёсати молиявӣ, таъмини рақобатпазирӣ, татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ), ки ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот 199 саҳифаи матни компютерӣ оварда шуда, дар он 19 ҷадвал ва 10 расм ифода ёфта, феҳристи адабиёт 181 сарчашмаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи кори таҳқиқотӣ мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муйян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявию методологии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар пояи равишҳои лоиҳавӣ**» муваффақияти унвонҷӯ дар он аст, ки ӯ дар ин боб масъалаҳои назариявии диссертатсияро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои назариявии буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар доираи мақсади татбиқи равиши барномавию ҳадафмандаш ва консепсияи ташаккули буҷет вобаста ба барномаҳо, ҳадафи асосии хешро ҳамчун рушди самаранокии татбиқи тамоми намудҳои буҷетикунонӣ қарор дода, ба ҳайси абзори асосие баромад мекунад, ки тавассути он метавон ба мақсадҳои гузоштшуда ноил гардид. Асоси онро ҳамчунин таснифоти барномавии хароҷот ташкил медиҳад, ки дар доираи усулҳои фаъоли идоракунии ҳадафманд барои самаранокона тақсим намудани воситаҳои буҷет мусоидат мекунад (саҳ. 22).

Аз ҷиҳати назариявӣ дар ин қисми диссертатсия унвонҷӯ хеле мақбул қайд карда аст, ки низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дорои афзалиятҳои рушди системаи буҷетикунонӣ дар пояи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд мебошад ва онро дар намуди модели консептуалӣ инъикос намуда аст, ки дорои мақсад, консепсияи ташаккулёби ва ҳадафҳои хеш мебошад (саҳ. 23).

Дар ин раванд унвонҷӯ қайд менамояд, ки равиши барномавию ҳадафманди буҷет барои муайян сохтани масрафоти дурусту ҳадафноки воситаҳои буҷет таҷҳизоти муҳиму асосӣ ба ҳисоб рафта, дорои самт ва таъминоти мушаххаси стратегӣ буда, натиҷаи ниҳоии татбиқи он барои давраҳои дароз баҳри ҷомеа фоидаи устувор меоварад ва барои ҳалли масоили муҳимми давлатӣ, аз қабили таъминкунии рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои аҳаммиятнок воситаи калидӣ ба ҳисоб меравад (саҳ. 26-27).

Ҳамчунин дар доираи ин боб, сазовори баҳои мусбат он аст, ки унвонҷӯ тавониста аст, ки таснифот ва гурӯҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумии онҳоро баён намуда, принсипҳои асосӣ ва шароитҳои мусоидкунандаи онҳоро муайян созад (саҳ. 33-39).

Унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки барои самаранокона татбиқ намудани принсипҳо ва шароитҳои асосии буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ, шартҳои барқарорсозӣ ва тафриқакунии марказҳои уҳдадориҳо бо роҳҳои таъмини амалишавии барномаҳои махсус ва ҷудокардашудаи воҳидҳои сохтории ба тақсимоти воситаҳои буҷетӣ сарукор дошта зарур буда, инчунин зарурати гуруҳбандии лоиҳаҳо вобаста ба ҳадафҳои барномавиро (нововбаста аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ) ба миён меорад. Дар ин замина хароҷот пурра тибқи таснифоти барномаҳо фарогирӣ карда шуда, маблағгузориҳои тамоми

сатҳҳо бояд тавсифи ҳадафмандона дошта, вобаста аз нишондиҳандаҳои самаранокӣ ба баҳодиҳии миқдорӣ созгор бошанд. Нуқтаи асосии ташаккули буҷети барномавӣ дар таҷассуми алоқамандии зичи функсияҳои давлат ва ҳадафҳои стратегии он ифода мегардад, ки дар доираи фаъолияташ ухдадориҳои марказҳои хароҷот ва тақсимкунандагони воситаҳои буҷетиро муайян месозад (саҳ. 41-42).

Сазовори баҳои мусбат он аст, ки унвонҷӯ дар такя ба таҷрибаи хориҷии кишварҳои дар татбиқи равиши буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд ба самаранокии баланд ноил гардидаанд, тавсияҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунандаро ироа намудааст, ки онҳо дар раванди пешниҳоди асноди ба ин равиш кумаккунанда воситаи хуб шуда метавонанд. (саҳ. 55-56).

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Таҳлили ҳолат ва тамоюли буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардидааст, унвонҷӯ ҳолати кунуӣ, тамоюлҳои рушди бахши саноат, тамоюли буҷетикунонии ҳадафманди бахши мазкур ва арзёбии равандҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 60-94).

Дар қисмати ин боб, манфиати назаррас ин аст, ки унвонҷӯ истифодаи усулҳои муосири илмӣ тамоюлҳои рушди саноати кишварро таҳлил ва таҳқиқ карда, маълум кардааст, ки бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи афзалиятноки даромаднокиаш мутаносибан тамоюли афзуншавидошта баромад намуда истода, дар рушди маҳсулоти маҷмӯии кишвар саҳми наззарас дорад. (саҳ. 62).

Ин қисмат сазовори баҳои мусбат аст, зеро унвонҷӯ тавассути таҳлили вазъи ва ҳолатҳои ба бахши саноат хос бударо таҳлил намуда, вобаста ба татбиқи бучетикунонии барномавиву ҳадафманд зикр мекунад, ки бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори хуби соҳавӣ дошта, устуворона рушд намудани он омили калидии рушди устувори буҷети давлатӣ шуда метавонад ва барои рушди бахшҳои мухталифи саноат маблағгузориҳои буҷетӣ аҳаммияти хос доранд, ки миқдори онҳо дар буҷаи давлатӣ маҳдуд буда, тақсимоти онҳо ба таври максималӣ муносибати ҷиддиро талаб мекунад то ҳангоми амалишавӣ онҳо фарогири шарту шароити тамоми объектҳои раванди буҷетикунонӣ шуда тавонанд. Ташаккул ва амалӣ намудани барномаҳои ҳадафманди буҷетӣ ба хубӣ метавонад ба ин раванд муосидат кунад (саҳ. 75).

Аз лиҳози асосноккунии илмӣ дар кори таҳқиқотӣ нуқтаи назари муаллиф мавриди баҳогузории баланд қарор мегирад, ки унвонҷӯ дар доираи мақсади дар кори таҳқиқотӣ гузоштащуда, дар раванди баҳогузории самаранокии буҷетикунонии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ироа

менамояд, ки наухст самаранокии буҷети лоиҳавӣ - ин таъсири бевоситаи натиҷаи лоиҳаи маблағгузоришуда ба даромад ва хароҷоти буҷет мебошад, ки дар афзоиши даромади буҷети лоиҳавӣ ва кам шудани хароҷоти он дар давраи муайяни вақт инъикос гардида, ҳамчун нишондиҳандае ба ҳисоб меравад, ки таносуби даромади буҷети лоиҳа нисбат ба хароҷоти онро инъикос менамояд. Баъдан, самаранокии буҷети лоиҳавӣ бояд бо мақсади камхарҷ гардонидани воситаҳои буҷетӣ ва мусоидат намудан ба воридоти иловагӣ ба буҷет, дар ифодаи мутлақ тағйир ёбад. Дар ин радиф муаллиф иброз медорад, ки ҳамаи милҳои зикргардида бидуни дастгирии давлатӣ амалӣ намешаванд ва иштироки бевоситаи мақомотҳои давлатӣ дар раванди таҳияи буҷети лоиҳавӣ ва коркарди методикаи ҳисоби самаранокии буҷети лоиҳавиву ҳадафманд зарур мебошад (саҳ. 81).

Аҳамияти махсусан илмӣ ва амалидоштаи ин қисмати диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ дар асоси методикаи муайянсозии «самаранокии лоиҳаи буҷетӣ» ҳиссаи хароҷот ба лоиҳаҳои бахши саноатӣ дар буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳҳалиро таҳлил намуда, тавассути моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ тамоюлҳои равандии самаранокии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ карда, иброз медорад, ки  аз як тараф, агар нокифоя будани сармоягузориҳо ва грантҳои ҷалбгардида собит шуда бошад ҳам, аз тарафи дигар бояд дар раванди ташаккули буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба афзоиш додани хароҷоти буҷет ба бахши саноат таваҷҷуҳ намуда, ҳамзамон мониторинги иҷроиши он дар доираи лоиҳаҳои ҳадафмандро ба таври зарурӣ бояд ба роҳ монд (саҳ. 89-93).

Дар ниҳояти боби мазкур, диққати махсус бояд ба он саҳми ӯнвонҷӯ дод, ки ӯ ба методикаҳои дар адабиёти илмӣ мавҷудбуда такя намуда, таҳлили ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат чун заминаи буҷетикунонии ҳадафманди рушди онро гузаронида, нишондиҳандаи интегралии ҷаззобияти сармоягузории корхонаро баҳогузорӣ намуда, иброз медорад, ки тартиб додани барномаҳои ҳадафманди лоиҳаҳои маблағгузорӣ метавонанд асоси татбиқи сиёсати дурусти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо гардида, ҳамзамон омили муайянкунандаи камбудиҳо дар фаъолияти маҷмӯии бахшҳои иқтисодӣ  гарданд ва заминаи андешидани тадбирҳои рафъ сохтани ин норасогиҳоро фароҳам биоваранд (саҳ. 102-109).

Саҳми унвонҷӯй дар ироаи пешниҳодоти асоснокгардаидаро махсусан қайд кардан лозим аст, зеро дар баррасии боби сеюми диссертатсия, ки **«Самтҳои афзалиятноки буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши**

**саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифтааст, табдирҳо доир ба такмили асосҳои ташкилию методии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд пешниҳод гардида, мазмуну мундариҷаи ҳар яки он, доир ба такмили таъминоти ташкилию методии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд баррасӣ карда шудааст, ки амалисозии онҳо барои рушди низоми буҷетикунонӣ мусоидат мекунанд. Қайд мегардад, ки баланд бардоштани савияи тахассусии мутахассисони бахшҳои молиявии кишвар, шарти зарурӣ мебошад, ки аз онон доштани маҳорату малакаи касбиро талаб мекунад, ки алъон мушкилоти асосӣ дар набудани донишҳои кофии тахассусии мутахассисон дар зинаҳои поёнии идоракунандаи мақомотҳои маҳаллӣ ва бахши менеҷменти корхонаҳо ба ҳисоб меравад (саҳ. 116) ва дар ин замина муаллиф консепсияи ташаккули равандҳои лоиҳаи омӯзишии буҷетикунонии ҳадафмандро пешниҳод менамояд (саҳ. 120) ва ба таври мушаххаскунандаи раванди тартиби лоиҳаҳи буҷетӣ, таснифоти хароҷоти буҷети лоиҳаи омӯзиширо дар намуди консепсия меорад, ки қобили қабул мебошад (саҳ. 123).

Ҳамзамон, дар диссертатсия ӯнвонҷӯ диққати махсусро ба он равона мекунад, ки коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омузишии буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат дар фарқият аз лоиҳаҳои омӯзишии мавҷудбуда бояд дорои унсури хоси инноватсионӣ ва ба талаботҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ буда, махсусан фарогири ҳадафҳои наззарас бошад (саҳ.127).

Қобили таваҷҷӯҳи амалӣ-методӣ будани пайдарпайии мантиқии кори таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ дар боби мазкур дар такя ба татбиқи равандҳои рақамикунонӣ, густариши иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар ҷараёни буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноат пешниҳод мекунад, ки низомҳои муосире, ки татбиқи хешро дар таҷриба ба ҳайси низоми мусоидаткунандаи татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар корхонаҳои саноатӣ муаррифӣ кардаанд, ба таври фаъол татбиқ карда шаванд ва ба ҳайси абзори ба талаботҳои мусоири рақамикунонии равандҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд созгор, татбиқи «низоми банақшагирӣ, сохтани барномаҳо ва буҷетикунонӣ» – (Planning programming budgeting system (PPBS))-ро ироа намуда, кокради унсурҳои фарогирандаи низоми мазкурро ба мушаххасоти илмӣ пешниҳод намуда аст (саҳ. 133-149).

Дар ниҳоят, дар боби мазкур унвонҷӯ механизми такомули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар шароити густариши иқтисоди рақамиро коркард ва пешниҳод намуда, иброз медорад, ки такомули низоми барномавиву ҳадафманди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули

механизми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар шароити иқтисодиёти рақамиро талаб мекунад, ки он бояд бо шартҳои ба шароитҳои татбиқи равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт, ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо муосидат карда, авомили муосири ин ҷанбаҳоро фаро гирифта тавонад (саҳ. 151).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд пешниҳод гардида, ҷанбаҳои илман асоснокшудаи муҳтавои кори таҳқиқотӣ ироа гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокии ва эътимоднокиии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Ақоиди асосии назариявӣ-методӣ, асоснокқунии ҷанбаҳои назариявӣ-методии ташаккули равиши буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноат ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба рушди низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар шароити густариши иқтисодӣ рақамӣ ва инноватсияҳо саҳмгузор мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Ҳангоми арзёбии дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бояд қайд кард, ки дар ҷараёни кор, дар таҳқиқоти илмӣ миқдори зиёди таълифотҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаҳои расмии вазорату корхонаҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Хулосаву тавсияҳои бадастомада ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асосноккунии назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноат муаррифӣ мешаванд. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми "буҷетикунонии ҳадафманди барномавӣ", "буҷетикунонии барномавӣ", "усули барномавию ҳадафманд" таҳқиқ шудаанд. Равишҳои ташаккули низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд аз ҷиҳати назариявию методӣ шарҳ дода шуда, механизмҳо ҳамчун асоси коркарди масъалаҳои мукаммалсозии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ва татбиқи самараноки он дар мисоли низоми буҷетии кишварҳои рушдкарда ва инчунин роҳҳои ташаккули он муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи он пешниҳодгардида аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба такмил ва баланд бардоштани хароҷоти буҷетӣ ва роҳҳои баланд бардоштани шаффофияти иттилооти ба он вобастабуда ифода меёбад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки дар соҳаи банақшагирии хароҷоти буҷетӣ тавсияҳои зарурӣ пешниҳод сохта, ҳамчунин дар пояи низоми буҷетикунонӣ бо мақсади таъмини рушди самараноки он ворид карда шаванд.

**Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд ташаккули низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахши саноати кишварро татбиқ намуда, устувории равандҳои ба буҷет мутааллиқбударо зоҳир намояд ва самаранокии иҷроиши ухдадориҳои буҷетӣ дар сатҳи бахшҳои саноатро баланд мегардонад.

**Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия** дар шаффофияти ҳисоботҳои ба буҷети соҳаҳо мутааллиқбуда мунъакис шуда, дар таъмини устувории молиявӣ ва баланд шудани сифати иттилооти молиявӣ, самаранокии натиҷаҳои хароҷоти буҷет, афзун гардидани сатҳу сифати хизматрасонии босифат ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ифода меёбад, инчунин ҳангоми ташкили курсҳои махсус барои такмили савия ва тахассусияти кормандони бахши молия ва идораи хароҷотҳои буҷетӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос

намудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 12 кори илмӣ бо ҳаҷми умумии 14 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 12,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Ҳанифаи Э.А. мутахассиси ташаккулёфтаи соҳаи иқтисодӣ, қодир ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои асосии илмии ин соҳа буда, диссертатсияи ӯ ба ихтисоси интихобкардаи диссертатсия номзадӣ мувофиқат мекунад. Мавзӯи тадқиқоти диссертатсия, сохтори он ва мундариҷаи кори анҷомдодашуда ба талаботи дар шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ ва талаботе, ки ба чунин намуди корҳо гузошта шудаанд, мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ҳамчун корманди илмӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, мустақилона қабул кардани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузоштташудаpo таъкид кардан лозим аст.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Баро боз ҳам беҳтар ва хубтар шудани сифати кори диссертатсионӣ, хуб мешуд, ки муаллиф дар пешниҳоди таърифи муаллифии мафҳуми “буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд” ба бахши саноат диққати махсус зоҳир менамуд.

2. Дар расми 1.1.1 агар нақши иҷрокунандагони барномаҳои буҷетӣ ва татбиқи банақшагирии буҷети гуногунмуҳлат кушода мешуданд, ба кор ҳусни дигар мебахшид.

3. Дар боби таҳлилӣ (махсусан дар зербоби 2.3) баҳогузории корхонаҳои азими саноатии кишвар мариди таҳлил қарор дода нашуданд.

4. Агар дар боби 3-юми кори таҳқиқотӣ вобаста ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта, таҷрибаи мушаххаси онҳо ба ҳайси объекти мушаххаси татбиқшаванда оварда мешуд, муҳтавои кор афзунтар мегардид.

5. Муҳтавои диссертатсия ба таври назаррас бурд мекард, агар муаллиф консепсияи рушди буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро бо дарназардошти хавфҳои соҳавӣ мавриди баррасӣ қарор медод.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва

Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокқунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба маҳакҳои гирифтани унвони илммии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони далатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои мухими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмӯъ қонеъ карда мешавад.

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди молияи давлатӣ ва буҷетикунонӣ гувоҳӣ медиҳад ва таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Дар ҷаласа 17 - нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф»-нест.

Тақриз дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои молия, менеҷменти молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи №9/А аз 06.05.2025).

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Алишоев Х.Ҳ.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Имомзода М.Қ.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Хидиралиев Р.З.

Имзоҳои н.и.и., дотсент Алишоев Х.Ҳ. Имомзода М.Қ. ва Хидиралиев Р.З.-ро тасдиқ менамоям, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:**
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, х.Борбад, 48/5
Тел: 992 (37) 234-88-02
E-mail: info@iutet.tj
Сомона: www. iutet.tj